## СУРАТМАҶЛИСИ № 8

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044**

**6 феврали соли 2023** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №316/хя тасдиқгардида, 8 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Иброҳимов С.И., аъзои комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ Зоир Ҷ.М. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

### ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Раззоқов Баҳодур Ҳаётович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

- Асадов Шавқат Ғайбуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи асосҳои ҳуқуқии сохтори давлатӣ ва идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Узбекистон;
- Нематов Акмал Рауфҷонович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сарходими илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дотсент.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 11 майи соли 2023, соати 10:00 дақиқа таъин карда шавад.

**Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Ғафурзода А.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**